**23.00.04 ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ, ГЛОБАЛЬНОГО И РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ**
**23 00 04 POLITICAL PROBLEMS OF INTERNATIONAL RELATIONS, GLOBAL AND REGIONAL DEVELOPMENT**

***УДК 327***
***ББК 66.4***

# *МАРҲИЛАҲОИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ЭЛИТАИ ДИПЛОМАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Давлатов Умедҷон Назирович,*** *ассистенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ПРОЦЕССЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ДИПЛОМАТИЧЕСКОЙ ЭЛИТЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*

***Давлатов Умеджон Назирович,*** *ассистент кафедры международных отношений ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE PROCESSES OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF DIPLOMATIC ELITE OF TAJIKISTAN REPUBLIC*

***Davlatov Umedjon Nazirovich,*** *assistant of the department of international relations under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *davlatov_umedjon@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *элитаи дипломатӣ, сиёсати хориҷӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, марҳилаҳои ташаккул, Иттиҳоди Шӯравӣ, истиқлолият, масъалаҳо, ниҳодҳо, тағйирот*

*Дар мақола марҳилаҳои ташаккул ва рушди элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин, баъзе омилҳо ва ҳолатҳои боздорандаи раванди рушди элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаҳои гуногун ва давра ба давра бартараф намудани масоили мавҷуда, ба як сатҳи нав баромадани элитаи дипломатии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Оид ба рушди минбаъдаи элитаи дипломатӣ, ки ба қавли коршиносон дар сатҳи зарурӣ рушд накардааст, тавсияҳо пешниҳод шудаанд. Таъкид гардидааст, ки барои бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда дар ин самт ва рушди дипломатияи муосири тоҷик шароит ва имкониятҳои муфид фароҳам омадааст.*

***Ключевые слова:*** *дипломатическая элита, внешняя политика, Министерство иностранных дел, этапы развития, проблемы, институты, перемены*

*Освещены этапы становления и развития дипломатической элиты Республики Таджикистан. Некоторые факторы, сдерживающие процесс развития дипломатической элиты Республики Таджикистан, рассматриваются на разных этапах постепенного устранения существующих проблем и продвижения изучаемого процесса на новый уровень. Даны рекомендации по дальнейшему развитию дипломатической элиты, которая, по мнению экспертов, не была должным образом разработана. Было*

*отмечено, что созданы благоприятные условия и возможности для устранения существующих проблем в этой области и развития современной таджикской дипломатии.*

***Key words**: diplomatic elite, foreign policy, Ministry of Foreign Affairs, stages of development, problems, institutes, changes*

*In the article the stages of formation and development of the diplomatic elite of Tajikistan Republic are elucidated. Certain factors constraining the process in question are considered in different phases of gradual obviation of existing problems and advancement to a new level. The author gives recommendations on a further evolution of the diplomatic elite which, as experts deem, weren`t elaborated in a proper way. It is underscored that favourable conditions and possibilities for a complete solutions of the problems in question have been created.*

Дар шароити имрӯза нақши элитаи дипломатӣ дар ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии кишвар назаррас мебошад. Чигунагии сиёсати хориҷӣ ва самаранокии он аз фаъолияти дипломатҳои тоҷик вобастагӣ дорад ва аз ин рӯ тақвият ёфтани элитаи дипломатии кишвар дар шароити имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷии кишвар моро зарурат пеш омадааст, то хусусиятҳои рушди элитаи дипломатии кишварро ҳамаҷониба омӯзем ва ба он баҳои саривақтӣ ва объективӣ диҳем. Зеро бо тақвият бахшидани элитаи дипломатии кишвар имконият ба вуҷуд меояд, то самаранокии сиёсати хориҷии кишвари мо тадриҷан боло равад.

Ба андешаи мо, ташаккул ва инкишофи элитаи дипломатии Тоҷикистон марҳилаҳои мухталифро аз сар гузаронидааст. Марҳилаҳои рушди элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фароянди рушди сиёсати хориҷии кишвар пайванд аст. Ҳар як марҳилаи рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон имкониятҳои мухталифро барои рушди элитаи дипломатӣ фароҳам овардааст. Ҳар як марҳилаи рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон вобаста ба хусусиятҳо, мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошташуда, ҳавзаи фаъолият ва дигар омилҳо ба ташаккул ва рушди элитаи дипломатии Тоҷикистон таъсир гузоштааст. Ҳар як марҳилаи рушди сиёсати хориҷии кишвар талаботи нав ба наверо барои ташаккули элитаи дипломатӣ ба миён мегузошт ва элитаи дипломатии тоҷик аз як зина ба зинаи дигар мегузашт.

Албатта қайд намудан бамаврид аст, ки марҳилаи асосии ташаккул ва рушди элитаи дипломатии тоҷик ба замони соҳибистиқлолӣ рост меояд. Ба андешаи мо танҳо дар ин замон элитаи дипломатии Тоҷикистон ҳамчун як гурӯҳи соҳибкасбон дар самти бурдани сиёсати хориҷии кишвари мустақил ташаккул ва инкишоф ёфт. Танҳо бо фароҳам омадани шароити мусоид дар замони соҳибистиқлолӣ элитаи дипломатии кишвар ҳамчун воҳиди меҳварии барандаи сиёсати хориҷӣ тақвият пайдо намуд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки ташаккул ва рушди элитаи дипломатии кишварро вобаста ба марҳилаҳои сиёсати хориҷии он ба риштаи таҳлил бикашем. Масъалаи муҳим ба назари мо он аст, ки дар марҳилаҳои мухталифи рушди сиёсати хориҷии Тоҷикистон кадом омилҳо ва шароитҳо ба ташаккули элитаи дипломатии Тоҷикистон таъсир мегузоштанд ва вобаста ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар марҳилаҳои гуногун элитаи дипломатии кишвар чӣ хосиятҳоро доро буд.

Ҳангоми марҳилабандии ташаккул ва рушди элитаи дипломатии тоҷик ба мо зарур аст ба тағйироти назарраси ба амал омада дар ин самт таваҷҷуҳ намоем. Аз рӯи ин меъёр мо метавонем ду марҳилаи асосии ташаккул ва рушди элитаи дипломатиро ҷудо намоем. Ба андешаи мо ташаккули элитаи дипломатии тоҷик ҳанӯз дар замони шӯравӣ сурат гирифта буд. Марҳилаи дигар, ки бо тағйироти назарраси сиёсати хориҷии Тоҷикистон пайванд дорад, ин замони соҳибистиқлолии кишвар мебошад, ки шароит ва талаботи наверо барои элитаи дипломатӣ ба миён гузошт. Дар навбати худ мо замони соҳибистиқлолии ташаккул ва рушди элитаи дипломатии кишварро ба якчанд марҳилаҳо ҷудо менамоем, ки шарҳу тафсири он дар зер оварда мешавад.

**Давраи шӯравӣ.** Дар замони шӯравӣ заминаи ниҳодии ташаккули элитаи дипломатӣ то ба як андоза фароҳам шуда буд, ки намунаи онро мо дар ташкил ва бароҳмонии фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон мебинем. Агарчанде заминаи ниҳодӣ дар он замон пурра набуд, аммо ташкили Вазорати корҳои хориҷӣ як қадами муҳимме дар самти ташаккули элитаи дипломатӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадди ақалл дар доираи фаъолияти ин ниҳод мутахассисони мо имкон пайдо намуданд, ки баъзе аз муқаррароти дипломатӣ ва муносибатҳои дипломатиро аз худ намоянд. Албатта дар ин замон дигар ҷиҳатҳои ниҳодии сиёсати хориҷӣ ташаккул наёфта буданд. Зеро дар сурати ба таври пурра фаъолият накардани Вазорати корҳои хориҷии давлат, элитаи дипломатии он низ пурра ташаккул ёфта наметавонад.

Агар ба таърихи ташаккули Вазорати корҳои хорҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар андозем мебинем, ки набудани ин сохтори муҳимми давлатӣ дар солҳои аввали ташкили Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар минбаъда дар сатҳи зарурӣ рушд накардани он боис гардид, ки элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ ба таври зарурӣ ташаккул наёфта бошад.

Омилҳои дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани элитаи дипломатии тоҷик дар замони шӯравӣ аксаран ба хосиятҳои сиёсати пешгирифтаи он замон вобастагӣ дорад.

Агарчанде дар Конститутсияи Иттиҳоди Шӯравӣ ҳар як субъекти он хуқуқи бурдани сиёсати хориҷии мустақили хешро доро буд, аммо иҷрои ин меъёри конститутсионӣ дар солҳои аввали ташкили Иттиҳоди Шӯравӣ амалӣ намегашт. Солҳои баъди низ кишварҳои аъзои ИҶШС ба таври мустақилона сиёсати хориҷии худро муайян намекарданд, агарчанде дар онҳо ниҳоди алоҳидаи сиёсати хориҷӣ чун Вазорати корҳои хориҷӣ таъсис ёфта буд. Ин ҳолатро муҳаққиқон Талбак Назаров ва Абдунабӣ Сатторзода дар корҳои худ ба таври махсус зикр намудаанд. Мувофиқ ба Конститутсияҳои амалкунандаи давраҳои мухталиф, ҳар як ҷумҳурии аъзои ИҶШС ҳуқуқ доштанд бо давлатҳои хориҷӣ муносибат намоянд, бо онҳо шартномаҳо банданд ва бо намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарӣ табодул кунанд. Аммо, чунин ба назар мерасид, ки ин меъёр хосияти декларативӣ дораду халос. [9, с.15].

Расман санаи 12 майи соли 1944 бо қабули Қонун «Дар бораи таъсиси Комиссариати халқии иттифоқию ҷумҳуриявии корҳои хориҷии ҶШС Тоҷикистон» дар иҷлосияи VII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон даъвати якум, марҳилаи аввали ташаккули элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ оғоз меёбад [9, с. 24].

Қабули қонуни мазкур тавонист то андозае барои ташаккули ниҳодҳои минбаъдаи сиёсати хориҷии кишвар дар замони шӯравӣ таъсиргузор бошад. Зеро бо қабули ин қонун дар кишвари мо аввалин маротиба Вазорати корҳои хориҷӣ бо таъини вазири корҳои хориҷӣ ба фаъолият шурӯъ намуда буд.

Муаллифони рисолаи «Дипломатияи Тоҷикистон» аҳамияти ин санаро барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон давра чунин баён намудаанд: «Ҷумҳурии мо дар ҳоли дубора ба дунё омадан қарор дошт. Аъзои Иттиҳоди Шӯравӣ будан, Ҷумҳурии Тоҷикистон чизеро, ки барои соҳибихтиёрии он намерасид дарёфт – ин санги асоси дипломатияи давлатӣ буд» [3, с. 3]. Агарчанде дар замони шӯравӣ Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис гардида буд, аммо бо ҳар роҳу восита фаъолияти он маҳдуд мегардид. Фаъолияти он ба ҷуз қабул ва гусели меҳмонон дар дохили кишвар бе доштани сафоратхона дар хориҷи кишвар анҷом меёфт [9, с. 20].

Ба назар чунин мерасад, ки ин фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ барои ташаккул ва рушди элитаи дипломатии кишвар кофӣ намебошад. Аммо дар ҳар сурат қабул ва гусели меҳмонон, ки аз рӯи меъёрҳои пазироии дипломатӣ сурат мегирифт, барои мутахассисони ояндаи соҳаи мазкур муҳим буд. Ин ҳолат мутахассисони моро бо пазироии дипломатӣ ва дигар ҷиҳатҳои дипломатия шинос мегардонид. Албатта зикр намуданамон зарур аст, ки ташаккул ва рушди дипломатияи як кишвар танҳо бо пазироии дипломатӣ ба анҷом намерасад. Зеро дигар самтҳои муҳими фаъолият дар соҳаи мазкур мавҷуд мебошад, ки барои ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлат зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Дигар масъалае, ки хоси замони шӯравӣ буд, ин дар Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС вобаста ба омода намудани мутахасисони соҳаи дипломатия аз ҷумҳуриҳои аъзо, аз он ҷумла, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ дода нашудани он ба шумор меравад. Аз шумораи начандон зиёди шаҳрвандони кишвари мо, ки дар ин ҷода кору фаъолият намудаанд, бештари онҳо на аз ҳисоби тахассус, балки донистани забонҳои хориҷӣ, алалхусус забонҳои давлатҳои шарқ ба ҳайси тарҷумон дар сафоратхонаҳои давлатҳои шарқ ҷалб карда мешуданд [10, с. 123-128].

Ин сиёсати пешгирифтаи ҳукумати ҳамондавраи шӯравӣ ва ниҳоди марказии он Вазорати корҳои хориҷии ИҶШС нисбат ба омодасозии мутахассисони маҳалӣ боис гардид, ки дар оянда ба раванди ташаккули элитаи дипломатии тоҷик дар замони шӯравӣ ва баъд аз он таъсири калон расонад

Новобаста аз чунин ҳолат баъзе чеҳраҳои алоҳида аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ дар самти муносибатҳои дипломатӣ ба дастовардҳои назаррасе расиданд, ки минбаъд онҳо дар ташаккул ва рушди элитаи дипломатии Тоҷикистон саҳми беандоза муҳим гузоштаанд. Ба ин чеҳраҳои намоёни дипломатияи тоҷик аз ҷумла: Мирзо Раҳматов - сафири ИҶШС дар Ҷумҳурии Арабии Яман ва Мавритания, Ҷаббор Расулов - сафир дар Того, Яъқуб Исломов - консули генералӣ дар Муккал (Ҷумҳурии Халқии Демократии Яман), Лаким Қаюмов - консул дар Искандария (Ҷумҳурии Мисри Араб), Абдураҳмон Додобоев – котиби якуми сафоратхона дар Афғонистон, Карим Юлдошев - котиби якуми сафоратхона дар Мавританияи Ливия, Эркин Қосимов- котиби сеюми консулгарии генералӣ дар Басраи Ироқ ва дигарон дохил мешаванд [3, с. 11].

Зикр кардан ба маврид аст, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ маҳз Лақим Қаюмов ба ҳайси аввалин Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон таъин мегардад. Лақим Қаюмов дар лаҳзаҳои пурҳассос ба ин вазифаи пурмаҳсул таъин гардида, барои фаъолияти Вазорати корҳои хориҷии мустақили кишвар саҳми хешро гузоштааст.

Карим Юлдошев дар вазифаи мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои байналхалқӣ ва сиёсӣ тӯли чандин сол кору фаъолият намуда, саҳми худро дар рушди дипломатияи тоҷик гузоштааст.

Агар дипломатҳои дар боло зикргардида баъд аз ба даст овардани истиқлолият дар самти сиёсати хориҷии кишвар кору фаъолият намуда бошанд, пас Яъқуб Исломов барои омода намудани мутахассисони соҳаи дипломатия саҳми босазое гузоштаанд. Номбурда дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳайси нахустдекани факултети сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналахалқӣ, инчунин асосгузори ташкил намудани ихтисоси муносибатҳои байналмилалӣ (дипломатия) дар донишгоҳи мазкур ба ҳисоб меравад [5, с. 76].

Гарчанде, ки солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ дар мавриди сиёсати хориҷӣ баъзе тағйирот ба миён омада бошад ҳам, мушкилоти бавуҷудомадаи минбаъда дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба ин раванд монеъ шуда имкон надод, ки дипломатияи кишвари мо дар сатҳи зарурӣ рушд намуда, мақом ва манзалати хешро дар баробари дипломатияи Иттиҳоди Шӯравӣ дар арсаи байналхалқӣ ёбад [9, с.23 ].

Гуфтаҳои болоро тақвият дода суханони собиқ вазири корҳоии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 80-уми асри гузашта У. Усмоновро меорем: «Солҳои тӯлонӣ доираи фаъолияти муассисаи нав ба сабаби ба дастгоҳи давлатии онвақта хос будани мутамаркизонии аз ҳад зиёд маҳдуд буд. Он вақт масъалаҳои муносибатҳои мо бо кишварҳои хориҷӣ, ҳатто хурдтарини онҳо ба воситаи Маскав ҳал мешуданд» [9, с.28].

Қабули «Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии ҶСС Тоҷикистон» дар Иҷлосияи 2-юми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 имкониятҳои мустақилона ба роҳ мондани сиёсати хориҷии кишварро дода бошад ҳам, қисме аз салоҳиятҳои сиёсати хориҷии худро дар ихтиёри ИҶШС вогузор карда буд.

Ба ихтиёри ниҳоди марказии ИҶШС мондани як қисми фаъолияти сиёсати хориҷии давлат гувоҳи надоштани мустақилияти комили кишвар ва охирин маҳдудият дар раванди ташаккули элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Зеро баъд аз як соли қабули эъломияи мазкур, аниқтараш дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶСС Тоҷикистон даъвати 12 -ум, ки 9 сентябри соли 1991 баргузор гардид, «Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. [9, с.36 -37].

Бо эълон намудани истиқлолияти давлатӣ марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии давлат ва раванди ташаккули элитаи дипломатии кишварамон оғоз мегардад. Марҳилаи нави сиёсати хориҷии кишварро баъди ба даст овардани соҳибистиқлолии давлат дар навбати худ муҳаққиқон, аз қабили Талбак Назаров, Абдунабӣ Саторзода ва Зафар Саидов ба ду марҳила, яъне сарогоз аз 9-уми сентябри соли 1991 то солҳои 2000-ум ва аз соли 2002 то инҷониб ҷудо намудаанд, ки ин марҳилаҳо дар навбати худ

ба зермарҳилаҳо ҷудо мешавад.

Фарқи давраи соҳибистиқлолӣ аз замони шӯравӣ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардид, ки тамоми маҳдудиятҳои мавҷудаи сунъӣ аз байн рафтанд, Вазорати корҳои хориҷии кишвар ба як ҷузъи муҳимми сохтори сиёсии давлат табдил ёфта, навгониҳо ва имкониятҳои васеъ дар фаъолияти вазорат оғоз меёбанд.

Тағйир ёфтани идеологияи сиёсӣ, мустақил ва соҳибихтиёр гардидани давлат, эътирофи кишвар ҳамчун субъекти нави муносибатҳои байналхалқӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳо ва созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ, ба монанди САҲА ва СММ масъулият ва ҷиддиятро дар самти омода намудани элитаи дипломатии миллӣ тақозо мекард. Дигаргун шудани шароити сиёсии давлатӣ боиси таҷдиди назар намудани ниҳодҳои дипломатӣ ва замимаҳои ҳуқуқии сиёсати хориҷии давлат гардид.

Боздидҳои ҳайатҳои гуногунсатҳи хориҷӣ ба Тоҷикистон тадриҷан зиёд гардида, барои тамосу робитаҳои бевосита ва мустақилона бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла, кишварҳои пешрафта имкониятҳои васеъ пеш омад. Дар баробари ин ҳайатҳои гуногунсатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз хориҷи кишвар дидан карданд.

Оғоз аз моҳи январи соли 1992 бори нахуст дар Тоҷикистони соҳибистиқлол маросими ифтитоҳи сафорати кишвари хориҷӣ ва супоридани эътимодномаи аввалин Сафири давлати хориҷӣ ба роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид [4, с.15 ].

Вазъияти бавуҷудомада дар самти сиёсати хориҷии кишвар тақозо мекард, ки кишвари тозаистиқлоли мо корро вобаста ба ниҳодҳои дохилӣ ва берунии сиёсати хориҷии давлат ҷонок намуда, шароитро барои дар сатҳи зарурӣ фаъолият намудани онҳо фароҳам оварад.

Аз ҷумла дар ин самт фармонҳои ба тасвиб расидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳукумат барои ҳарчи зудтар ба роҳ мондани ниҳодҳои дохилӣ ва хориҷии давлат чораандешӣ намудаанд. Аз он ҷумла 20 июли соли 1992 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев фармонро «Дар бораи такмил додани сохтори мақомоти идораи алоқаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расонд. Қарор дода шуд, ки табдили Вазорати робитаҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шавад. Бинобар ин дар пойгоҳи Вазорати робитаҳои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуданд:

а) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) Кумитаи давлатии робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии
Тоҷикистон.

Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 августи соли 1992 қарори нав қабул намуд, ки мувофиқи ин қарор сохтори дастгоҳи марказии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 40 нафар буд, ки ба он аз ҷумла ходимони ёрирасон ҳам шомил буданд. Сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ дар он қарор чунин муқаррар шудааст. 1. Роҳбарият (вазир, муовини аввал ва ду муовин). 2. Котиботи умумӣ. 3. Шӯъбаи робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба. 4. Шӯъбаи созмонҳои байналмилалӣ, робитаҳои ҳарбию сиёсӣ ва фарҳангӣ. 5. Шӯъбаи ташрифоти давлатӣ. 6. Шӯъбаи консулгарӣ. 7. Шӯъбаи хоҷагидорию маъмурӣ. Ин тағйирот дар асосгузории заминаи ниҳоди ташаккул ва рушди элитаи дипломатии тоҷик муҳим буд.

Дар баробари ин санаи 25 август Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев

дар бораи кушодани сафоратҳо ва консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ фармон имзо кард. Фармони мазкур таъсиси сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Давлати Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Подшоҳии Белгия, Подшоҳии Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Туркия, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Деҳлӣ (Ҳиндустон) пешбинӣ мекунад.

Инчунин нахустин Вазири корҳои хориҷӣ Лақим Қаюмов 17 июли соли 1992 ба ҳайси Кордори муваққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА ва аз 27 август бо фармони дигари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев ба Лақим Қаюмов рутбаи дипломатӣ - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд, ки ин нахустин рутбаи баланди дипломатӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол буд. Бо ҳамин фармон Лақим Қаюмов Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА таъйин карда шуд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Набиев Акбар Мирзоев санаи 29 август соли 1992 Кордори муваққатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон таъйин гардид [9, с.89-90].

Лекин ин марҳилаи нави рушди элитаи дипломатии тоҷик дар як вазъияти нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ оғоз ёфта буд, шакл мегирифт. Дар ин давра бо вуҷуди зарурат барои таҷдиди сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти намояндагиҳои давлат, дар шакли сафоратхона, консулгарӣ ва намояндагӣ дар назди ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ вазъияти бавуҷудомадаи сиёсӣ, ба ин раванд монеа мешуд. Ин раванд аз соли 1991 то 16 ноябри соли 1992, яъне то баргузории иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон давом кардааст. Дар ин вазъияти мураккаб Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имкониятҳои мавҷуда, кӯшиш намуд, ки дар сатҳи зарурӣ фаъолияти худро ба роҳ монад [10, с. 123-128], [4, с. 12]. Вале ноороміҳои соли 1992 оғозёфта, натанҳо ба вазъи сиёсии дохилӣ ва хориҷии кишвар, балки ба раванди ташаккули элитаи дипломатии давлат таъсир расонд. Лекин аз ҷониби дигар набояд хизмати роҳбарияти ҳамонвақтаи Вазорати корҳои хориҷӣ Лақим Қаюмов ва Худойбердӣ Холиқназаров сарфи назар карда шавад. Зеро ҳардуи онҳо барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани Вазорати корҳои хориҷӣ ва бартараф намудани мушкилоти ҷойдоштаи ин сохтори муҳими давлатӣ (аз он ҷумла, масъалаи кадрӣ, таҷдиди сохторӣ,меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаи сиёсати хориҷӣ) ва инчунин, ба роҳ мондани фаъолияти ниҳодҳои он дар хориҷи кишвар, талошу заҳматҳои зиёде кашидаанд.

Дар ин маврид собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Худойбердӣ Холиқназаров дар асари худ «Ваҳдат - кафолати ҳастии миллат» чунин ёдовар мешаванд:

«Дар ташаккули Вазорати робитаҳои берунӣ Л. Қаюмов кӯшиши ҳамаҷониба ба харҷ дод, ки мутахассисони варзидаро дар Вазорат ҷамъ намояд, лекин ин кор он замон осон набуд. Дар Тоҷикистон дипломатҳои касбӣ ангуштшумор буданд ва ёфтану ҷалб кардани онҳо ба кори Вазорат хеле душвор буд [1, с. 51]. Воқеан, дар ҳолати бӯҳронӣ, анҷоми ин кор ниҳоят мушкил буд ва таҳти таҳдиду хатарҳое низ рӯ ба рӯ шудабуданд.

Дар ҷои дигар Холиқназаров Худобердӣ оид ба мушкилиҳои мавҷудаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолии давлатӣ чунин менависад: «Аввалин кореро, ки дар Вазорат анҷом додам, ин тасдиқи сохтори нав буд, ки мутобиқи он теъдоди кормандони Вазорат, яъне дипломатҳо бояд то 40 нафар мебуд. Пайдо кардани дипломатҳои касбӣ ва собиқадор кори бисёр душвор буд, бинобар ин роҳбарияти Вазорат тасмим гирифт, ки озмуни умумиҷумҳурӣ эълон кунад ва шахсони лоиқ ва шоистаро ба кор гирад. Шартҳои асосии озмун иборат аз он буданд, ки довталабон бояд ҳадди ақалл ду сол таҷрибаи кори дипломатӣ ва ё ҳеҷ набошад, кори тарҷумонӣ дар хориҷа дошта бошанд ва ду забони хориҷиро нағз донанд. Ҳамин тавр, баъд аз эълони озмун ба Вазорат мутахассисони хуб ба кор гирифта шуданд, ки оҳиста оҳиста ба дипломатҳои касбӣ табдил ёфтанд, ки бештари онҳо ба монанди Абдулло Юлдошев, Тоҷиддин Мардонов, Нуриддин Шамсов, Амак Сатторов ва дигарон дар вазифаи сафирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони сафир дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон кор ва фаъолият намудаанд» [1, с. 54].

Агар мо хусусият ва талаботи марҳилаи баъд аз ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои аввали ташаккули элитаи дипломатӣ дида бароем, мебинем, ки дар ин давра бинобар сабаби хеле кам будани мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, дар рафти ба кор қабул намудан, бартарӣ на ба тахассусмандии соҳавӣ, балки ба донистани забонҳои хориҷӣ ва фаъолият дар ҷодаи дипломатия дода мешуд [2, с. 52-53].

Марҳилаи дигари ташаккули элитаи дипломатии тоҷик, ё ба таври дигар гӯем, қадамҳои нав ва устувори элитаи муосир бо баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 ноябри соли 1992 оғоз меёбад. «Марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI дар ш. Хуҷанд сар шуд» [9, с.57 ].

Нақш ва аҳамияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар раванди ташаккули сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи тоҷик муҳаққиқон Талбак Назаров, Абдунабӣ Сатторзода, Зафар Саидзода, Назирзода Давлати Ҳайдар ва дигарон дар асарҳо ва корҳои таҳқиқотии худ байён намудаанд. [3, с.12 ], [8, с.13 ], [7, с.43 ].

Аз он ҷумла Талбак Назаров ва Абдунабӣ Сатторзода дар ин маврид чунин навиштаанд: «Фаъолияти банизом ва ҳадафманди Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз расидан ба истиқлолият, пас аз Иҷлосияи XVI сар шуда, баробари пеш рафтани раванди сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвар густурдатар ва пурмӯҳтавотар гардид» [9, с.92 ].

Соли 1992 ба ҳайси Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рашид Олимов таъин мегардад. Хусусияти фарққунандаи ин марҳила аз марҳилаи қаблӣ дар он зоҳир мегардад, ки баъди Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукумати фалаҷгардида дубора барқарор гардида, самти сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар муайян гардида, барои ҳарчи зудтар ва хубтар фаъолият намудани Вазорати корҳои хориҷӣ аз ҷониби давлат чораҳои зарурӣ ва саривақтӣ андешида мешавад [9, с.82-85 ].

Дар ин давра дар баробари ба кор гирифтани кормандони нав ва инчунин кормандони мавҷудбудаи ғайритахассусӣ раванди бозомӯзӣ ва ё гузаронидани онҳо аз курсҳои кӯтоҳмудат оғоз мегардад, ки бо ин роҳ элитаи ғайритахассусии

дипломатиро ба элитаи дипломатӣ табдил медиҳанд.

Дар ин ҷо қайд намудан бамаврид аст, ки Рашид Олимов дар оянда дар яке аз созмони бонуфузи замони муосир Созмони Ҳамкории Шанхай ба ҳайси Котиби генералӣ фаъолият намудаанд. Ба чунин вазифаи пурмаҳсул таъин намудани Рашид Олимов нишони боварӣ ва мақом ва манзалати элитаи дипломатии соҳибистиқлоли кишвар дар арсаи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи дигарро мо метавонем ба оғози қабули аввалин Конститутсия Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки асоси батанзимдорорандаи дигар меъёрҳои ҳуқуқии давлат, аз он ҷумла сиёсати хориҷии он ба ҳисоб меравад, қайд намоем. Дар баробари ин соли 1994 раванди гуфтушуниди тоҷикон бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, ки асосгузори элитаи дипломатияи соҳибистиқлоли тоҷик ба ҳисоб меравад, оғоз мегардад.

Ин давра яке аз давраҳое мебошад, ки кишвари мо барои фардои дурахшони худ қадамҳои устувор гузоштанро оғоз намуд. Инчунин дар ҷодаи сиёсати хориҷии давлат низ ин марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро дар ин давра масъулияти Вазорати корҳои хориҷии кишвар ба маротиб афзуда, муносибатҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба як сатҳи дигари сифатан нав гузашта буданд.

Дар ин давра таҷдиди сохтории худи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифтитоҳи намояндагиҳои давлат дар хориҷи кишвар дар як сатҳи дигар ба роҳ монда шуда буд. Инчунин дар Вазорати корҳои хориҷии кишвар мутахассисоне ба кору фаъолият ҷалб мегардиданд, ки дар Академияи дипломатии давлатҳои хориҷӣ нозукиҳои дипломатияро омӯхта, соҳиби диплом ва аз курсҳои махсуси тахассусӣ гузашта, соҳиби шаҳодатнома гардида буданд. Ин марҳилаи омоданамоии мутахассисони соҳавӣ, таҷдиди сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ, омода намудани заминаҳои ҳуқуқӣ барои ба танзим даровардани меъёрҳои ҳуқуқии фаъолияти сиёсати хориҷии кишварро дар бар мегирад, ки асоси марҳилаҳои минбаъдаи ташаккули элитаи дипломатии тоҷик ба шумор меравад [9, с.70 ]. Ногуфта намонад, ки дар ин давра ба ҳайси Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров таъин мегардад, ки яке аз дипломатҳои маъруфи кишвар ва берун аз он ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи нави рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 1997 – 2000- ум рост меояд [6, с. 111], ки кишвари мо масъалаи ҷанги шаҳрвандиро, ки яке аз монеаҳои асосии рушди муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишвар ба ҳисоб мерафт, бо дастгирии мардуми тоҷик ва роҳбарии фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон, инчунин ҷомеаи ҷаҳонӣ бартараф кард. Зеро ба қавли Талбак Назаров ва Абдунабӣ Сатторзода: «оғоз аз соли 2001 як давраи бисёр муҳимми инкишофи ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар тӯли он ба ҳайси давлати соҳибистиқлол ба арсаи байналмилалӣ шомил гардида буд, мантиқан ба охир расид. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бомуваффақият марҳилаи ташаккули худро (9 сентябри 1991-2001) паси сар намуда, ба сифати унсури ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар шароити комилан нави таърихӣ қотеъона эътироф гардид» [9, с. 95-96].

Хулоса, имрӯз мо метавонем бо сарбаландӣ гӯем, ки элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои муҳимми ташаккули худро аз сар гузаронида, мутахассисони шоистаи соҳаро дар самти сиёсати хориҷии давлат омода намудааст.

Муаммоҳои мутахассисони соҳавӣ ба таври пурра ҳалли худро наёфта бошад

ҳам, мисли солҳои аввали қарни гузашта нест. Вазорати корҳои хориҷии кишвар талаботро барои интихоб ва ҷо ба ҷо гузории кадрҳо пурзур намудааст. Дар вақти баргузории озмун ва интихоби мутахассисони ҷавони соҳавӣ на танҳо малакаи забондонӣ, балки тахассусмандӣ, доштани маълумоти олии соҳавӣ, дониши хубу аъло, таҷрибаи корӣ ва солҳои охир, инчунин доштани донишҳои иқтисодӣ бартарӣ дода мешавад [2, с. 52-53].

Дар ин давра дар баробари омода намудани мутахасисони соҳавӣ дар хориҷи кишвар дар дохили кишвар низ барои омода намудани мутахасисони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ дар назди донишгоҳҳои бонуфузи давлатӣ ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ ташкил карда шудааст, ки барои минбаъда элитаи дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутахассисони соҳавиро омода менамоянд.

Қайд намудан бомаврид аст, ки дар солҳои аввали ташкилшавии ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ, дар назди донишгоҳҳои кишвар, мутахассисони соҳавӣ мавҷуд набуданд, ки нозукиҳои соҳаро на танҳо аз рӯи назария, балки аз таҷрибаи кории худ ба онҳо фаҳмонанд. Имрӯз ин масъала низ то андозае роҳи ҳалли худро ёфтааст. Вазорати корҳои хориҷии кишвар робитаҳои худро бо донишгоҳҳое, ки дар ин соҳа мутахассис омода мекунанд, ба роҳ мондааст. Дар асоси бастани шартнома, донишҷӯён имконият пайдо кардаанд, ки донишҳои назариявии худро дар амалия дар Вазорати корҳои хориҷии кишвар гузаронанд. Ин воситаи хуби дарёфт намудани мутахассисони соҳавӣ ба ҳисоб меравад. Вале дар ин самт Вазорати корҳои хориҷии кишварро месазад корро бо донишгоҳҳое, ки мутахассисони соҳаро омода мекунанд, боз ҳам ҷоннок намуда, аз зинаҳои аввали таҳсил барои дарёфт ва дар оянда омода намудани мутахассиси сатҳи олӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи шароити муосири муносибатҳои байналхалқӣ дар якҷоягӣ амал намоянд.

Дар баробари ин хуб мешуд агар дар кишвар Академияи дипломатия таъсис дода шавад, то ки дар дохили кишвар мутахассисони сатҳи баланди муносибатҳои байналхалқиро омода созем. Мо чунин мешуморем, ки барои ин захираҳои кадрии пуртаҷриба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерасад. Дар ин кор метавон собиқ сафирони ботаҷриба, ки алҳол нафақахӯранд ва сафироне, ки дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ кору фаъолият доранд, ҷалб карда бошем.

Дипломатҳо бояд дар руҳияи баланди ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ тарбия карда шаванд, ки ин кор на дар ҳама донишгоҳҳои хориҷи кишвар имконпазир аст.

**_Пайнавишт:_**


1. *Ваҳдат-кафолати ҳастии миллат (маҷмӯаи мақолаҳои солҳои 2010 - 2012) – Нашри илмию публитсистӣ – Душанбе: МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012. -152 с.*
2. *Мирзоев Ғ. Ташаккул ва рушди субъектҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият// Сиёсати хориҷӣ, маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ. 2016. – №1.- С. 46-57.*
3. *Дипломатия Таджикистана (к 50-летию создания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан). - Душанбе, 1994. – 28 с.*
4. *Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди1. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон Душанбе: Ирфон, 2009. - 296 с.*

5. *Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. – Хуҷанд, 2014.- 106 с.*
6. *Сайидзода Зафар. О механизме и интересах внешней политики// Сиёсати хориҷӣ, маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ. 2012. – №1.- С. 106-119. (196 с).*
7. *Назризода Давлатали Хайдар. Становление и развитие дипломатической службы Республики Таджикистан в период независимости (1991–2016 гг.): диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук. -Душанбе, 2017. – 198 с.*
8. *Саидов Зафар Шералиевич (Сайидзода Зафари Шерали). Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. – Четвертое, дополненное издание (новая редакция). – Душанбе: ООО «Контраст», 2011. – 624 с.: ил.*
9. *Талбак Назаров, Абдунабӣ Сатторзода, Дипломатияи муосири тоҷик. –Душанбе: Ирфон, 2006. - 224 с.*
10. *Холиқназаров Худойбердӣ. Истиқлолияти давлатӣ ва раванди ташаккулёбии дипломатияи тоҷик дар огози солҳои 90-уми асри XX// Сиёсати хориҷӣ, маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ. 2012. - №1. – С. 120- 128.*

***Reference Literature***

1. *Unity Is a Guarantee of Nation`s Existence (collection of articles for 2010 – 2012. Scientific-publicistic edition. – Dushanbe: The Centre of Strategic Explorations under the Auspices of TR President. – 2012. – 152 pp.*
2. *Mirzoyev G. Formation and Development of Foreign Policy Subjects of Tajikistan in the Period of Independence. Scientific-Theoretical and Informational Journal. 2016, #4. – pp. 46 – 57.*
3. *Diplomacy of Tajikistan (to the 50-th Anniversary of Tajikistan Ministry of Foreign Affairs). – Dushanbe, 1994. – 28 pp.*
4. *Diplomacy of Tajikistan: Yesterday and today. In two volumes. – V.1. Under the editorship of Hamrokhon Zarifi. Series: Foreign Policy of Tajikistan. – Dushanbe: Cognition, 2009. – 296 pp.*
5. *Tajik State University of Law, Business and Politics: yesterday and today. – Khujand, 2014. – 106 pp.*
6. *Sayidzoda, Zafar. On Mechanism and Interests of Foreign Policy // Foreign Policy. Scientific-Theoretical and Informational Journal. 2012, #1. – pp. 106 – 119. (196 pp).*
7. *Nazirzoda, Davlatali Haydar. Formation and Development of Diplomatic Service of Tajikistan Republic in the Period of Independence (1991 – 2016). Candidate dissertation in history. – Dushanbe, 2017. – 198 pp.*
8. *Saidov Zafar Sheraliyevich (Sayidzoda Zafari Sherali). Principal Foreign Policy Interests of Tajikistan at the Junction of Centuries. The fourth enlarged edition (new recension). – Dushanbe: "Contrast" Assoc. Ltd, 2011. – 624 pp.*
9. *Nazarov Talbak, Sattorzoda Abnunabi. Modern Tajik Diplomacy. – Dushanbe: Cognition, 2006. – 224 pp.*
10. *Kholiknazarov, Khudoyberdi. State Independence and the Process of Tajik Diplomacy Formation at the Beginning of the 90-ies of the XX-th Century. – Foreign Policy. Scientific-Theoretical and Informational Journal. 2012, #1. – pp. 120 – 128.*